**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД**

Ба рўйхат гирифта шуд:
№ БД–60230100–2.02
«____»________соли 2021

**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**
Ректори ДДС
Р.И.Халмурадов
______________
2021 йил “____”________

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ
аз фанни
# ТАЪРИХИ АДАБИЁТШИНОСӢ

| | | |
|---|---|---|
| Соҳаи илм: | 100 000 | -Фанҳои гуманитарӣ ва санъат |
| Соҳаи таълим: | 120 000 | -Фанҳои гуманитарӣ |
| Шўъбаи таълим, ихтисос. | 60230100 | –Филология ва омўзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) |



Scanned by TapScanner

Дастури таълимии фанни "Робитаҳои адабӣ ва назарияи тарҷума" дар асоси талаботи СДТ ва Талабҳои малака тартиб дода шудааст. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни курси сеюми равиши филология ва омӯзиши забонҳо: забони тоҷикӣ тайёр карда шудааст.

Дастури таълимии фан дар маҷлиси кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷа муҳокима карда шудааст ва барои муҳокима ба шӯрои илмӣ ва услубии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд тавсия карда шудааст. (________ соли 202__ баённомаи № __).

**Мудири кафедра** _Ҷ. Ҳамроев_ **проф. Ҷ.Ҳамроев**

Дастури таълимии фан дар шӯрои илмии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд муҳокима гардида, барои истифода пешниҳод карда шудааст. (______ соли 202_ баённомаи рақами № ___).

**Декани факултет** ________ **проф. А.Пардаев**

Созиш карда шуд:

**Проректори корҳои таълимӣ**__________ **проф. А.Солеев**



Scanned by TapScanner

| Фан/Коди модул ATT1406 (бакалавриат) | Соли хониши 2020-2021 | Семестри 5 | ECTS-Кредитҳо 6 | |
|---|---|---|---|---|
| Фан/ Намуди фан: Интихобӣ | Забони таълим Тоҷикӣ | | Соатҳои дарси ҳафтаина 6 | |
| 1 | Номи фан | Машғулотҳои аудиторӣ (соат) | Таълими мустақил (соат) | Ҷамъи сарборӣ (соат) |
| | Таърихи адабиётшиносӣ | 90 | 90 | 180 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсади таълими фанни «Таърихи адабиётшиносӣ» ба донишҷӯёни филолог омӯзонидани афкори адабиётшиносии гузаштаи форсӣ-тоҷикӣ, шаклҳо ва роҳҳои ифодаёбии он, баррасии муҳимтарин асарҳои адабиётшиносӣ ва муайян намудани Амалӣ намудани ин иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо дорад:

Шинос намудани донишҷӯён бо адабиёти илмии оиди адабиётшиносии пешинаи форс-тоҷик, дар донишҷӯён тасаввур ва маълумот ҳосил кунонидан оид ба адабиётшиносии пешинаи форс-тоҷик,

шинос намудани донишҷӯён бо муҳимтарин асарҳои адабиёти мумтози форс-тоҷик, дар донишҷӯён шакл додани малакаи таҳлили асари бадеӣ дар асоси талаботи адабиётшиносии гузашта.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Фанни таърихи адабиётшиносии мумтоз ва мавзӯи баҳси он. 2-соат**

Адабиётшиносии мумтоз ва мавқеи он дар таърихи адабиёти мумтоз; чор шакли асосии ифодаи адабиётшиносии мумтоз; афкори назарӣ-фалсафии ҳакимони файласуф оид ба адабиёт, асарҳои ба истилоҳи илми бадеъ доир ба адабиёт ва афкори адабии суханварони ҷудогона дар зимни асарҳои бадеии онҳо. Мақоми асарҳои илми бадеъ дар таърихи адабиётшиносии мумтоз. Омӯзиш ва нашри осори илми бадеъ дар Тоҷикистон ва Эрон.

**Мавзӯи 2. Шеър аз назари файласуфони Шарқ. 2-соат**

Таърифи шеър аз назари Ибни Сино, Форобӣ ва Насриддин Тусӣ ва муносибати он бо назарияи тақлид ба воқеият. Арасту ва «Поэтика»-и ӯ. Фарқи куллии таърифи фалсафии шеър аз таърифи шеършиносони асримиёнагӣ (Муаллифони китобҳои оид ба илми бадеъ). Назарияи тахайюли бадеӣ ва таърифи «шеър-каломи мухайял» дар афкори файласуфони номбурда.



Scanned by TapScanner

**XII) аввалин тазкираи форс-тоҷик. Хусусиятҳои ин тазкира. 2-соат**

Мақом ва манзалати Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар таърихи адабиётшиносии мумтози тоҷику форс. Тазкираи «Лубоб»-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ асри X11 аз аввалин тазкираҳои адабиёти форсу тоҷик. Хусусиятҳо ва сохти тазкира «Лубоб»-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Омӯзиши афкор ва ақидаҳои шеършиносии Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар тазкираи «Лубоб»-ул-албоб» .

**Мавзӯи 4. «Тазкират уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV). Хусусиятҳо, имтиёзот ва шӯҳрати он. 2-соат**

Давлатшоҳи Самарқандӣ ва омӯзиши адабиёти асри XV. Сохт ва таркиби «Тазкират уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. «Тазкират уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ муҳимтарин сарчашмаи омӯзиши адабиёти мумтози тоҷику форс. Ақида ва нуктаи назари Давлатшоҳ нисбати мазмуну моҳият ва арзиши меъроси адабии шоирон.

**Мавзӯи 5. «Музокир ул-аҳбоб»-и Ҳасанхоҷаи Нисории Бухороӣ (асри XVI) чун аввалин тазкираи хосси адабиёти тоҷик. 2-соат**

Ҷараёни зиндагӣ ва фаолияти адабиётшиносии Ҳасанхоҷаи Нисории Бухороӣ. «Музокир ул-аҳбоб»-и Ҳасанхоҷаи Нисорӣ (асри XVI) ҳамчун аввалин тазкираи хосси адабиёти тоҷик. Сохту таркиб ва хусусиятҳои . «Музокир ул-аҳбоб»-и Ҳасанхоҷаи Нисории Бухороӣ. Зикри аҳвол ва осори шоирон дар «Музокир ул-аҳбоб»-и Ҳасанхоҷаи Нисории Бухороӣ. Муайян намудани арзиш ва қиммати осори шоирон аз нуктаи назари Ҳасанхоҷаи Нисории Бухороӣ.

**Мавзӯи 6. «Тазкират уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ (ибтидои асри XVII), хусусиятҳо ва сохтори он. Аҳамияти ин тазкира дар омӯзиши адабиёти нимаи дуюми асри XVI тоҷик. 2-соат**

Мақоми Мутрибии Самарқандӣ ва «Тазкират уш-шуаро»-и дар адабиётшиносии тоҷик. Хусусият ва сохти «Тазкират уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ. Аҳамияти «Тазкират уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ дар омӯзиши аҳволу осори вакилони адабиёти нимаи дуюми асри XVI тоҷик. Андешаҳои шеършиносӣ ва адабӣ танқидии Мутрибии Самарқандӣ дар «Тазкират уш-шуаро».

**Мавзӯи 7. Музокир ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ (нимаи дуюми асри XV11), хусусиятҳо, имтиёзот ва аҳамияти ин тазкира барои омӯхтани адабиёти нимаи дуюми асри XVII тоҷик. 2-соат**

Мулоҳзоти сухансанҷӣ ва накдушшеърии Малеҳои Самарқандӣ дар тазкираи «Музокир ул-асҳоб» (асри XVII). Сохт ва хусусиятҳои тазкираи "Музокир ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ. Омӯзиш ва тадқиқи тазкираи "Музокир ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ дар адабиётшиносии тоҷик ва ҷаҳон. Аҳамияти тазкираи "Музокир ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ барои омӯхтани адабиёти нимаи дуюми асри XVII тоҷик. Андешаҳои шеършиносӣ ва адабӣ танқидии Малеҳои Самарқандӣ дар тазкираи "Музокир ул-асҳоб».

**Мавзӯи 8. Тазкираҳои охирҳои асри XIX ва аввали асрни XX. Сабабҳои ба майдон омадани теъдоди зиёди тазкираҳо дар ин давр ва**



Scanned by TapScanner

**аҳамияти онҳо барои омӯзиши адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. 2-соат**

Ба таърихи адабиёт шабоҳат доштани тазкира аз назари зикри мураттиб ва пайдарҳами шоирону нависандагони давраи муаллифон ё тамоми давраҳои таърихии то замони онҳо. Тазкиранависӣ чун кори илмии адабиётшиносӣ. Принсип ва тартибҳои гуногуни таҳияи тазкираҳо. Тазкираҳои охирҳои асри XIX ва авали асрни XX. Сабабҳои ба майдон омадани теъдоди зиёди тазкираҳо дар ин давр ва аҳамияти онҳо барои омӯзиши адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. Сохт ва таркиби тазкираи "Тӯҳфат-ул-аҳбоб-фи-тазкират-ул-асҳоб"-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. Хусусиятҳо ва сохт тазкираҳои "Тазкират-уш-шуаро"-и Ҳоҷи Неъматуллоҳи Мӯҳтарам, "Тазкират-уш-шуаро"-и Абдуллоҳоҷаи Абдӣ, ва "Тазкират-уш-шуаро"-и Ҳашмат.

**Мавзӯи 9. Рисолаҳои пешинаи доир ба илми бадеъ чун қисми таркибии адабиётшиносии мумтози тоҷик. 2-соат**

Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва «Чаҳор мақола»-и ӯ. Назарияи машҳури «Шоир зиштро ба сурати некӯ ҷилва диҳад ва некӯро дар хилъати зишт нишон деҳад»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола». Имтиёзи назарияи мазкур аз таърифи схоластикии шеър дар асарҳои оид ба илми бадеъ.

**Мавзӯи 10.** «Ҳадоиқ ус-сеҳр» чун барчастатарин намунаҳои осори қадимаи илми бадеъ. Ба санъатҳои сухан доир будани он. Санъатҳои бадеии ҳам дар шеър ва ҳам наср роиҷро дар бар гирифтани он. Таснифоти санъатҳои сухан дар «Ҳадоиқ ус-сеҳр». Барои асарҳои ояндаи илми бадеъ чун манбаи асосӣ хидмат кардани он.

**Мавзӯи 11. "Тарҷумон-ул-балоға" -и Муҳаммад Родуёнӣ. 2-соат**

Характер ва хусусиятҳои асосии ин асар. Мавқеи ин асар дар омӯзиши саноеи бадеӣ. Масъалаи шеър ва шоирӣ дар ин асар. Хусусият ва ҳамияти назарии асари Родуёнӣ. Насриддини Тӯсӣ ва осори адабӣ-илмии ӯ. "Меъёр-ул ашъор" ва аҳамияти илмӣ-назарии он.

**Мавзӯи 12. «Бадоеъ ус-саноеъ»-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ чун асари ҷамъбастии илми бадеъ. 2-соат**

Омӯзиши он дар адабиётшиносии тоҷик. Хусусиятҳои «Бадоеъ ус-саноеъ». «Бадоеъ ус-саноеъ» фарқҳои он аз дигар осори пешинаи илми бадеъ. Мақоми ин асар дар таърихи илми бадеи мумтози форс-тоҷик. Асарҳои шеършиносии аз байн рафтаи Баҳроми Сарахсӣ (XI) ва Рашидии Самарқандӣ.

**Мавзӯи 13. Ақидаҳои нақди шеърии муаллифи рисолаи «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ. 2-соат**

«Ал мӯъҷам фӣ маойири ашъор ил-аҷам»-и Шамс Қайси Розӣ барчастатарин ва муҳимтарин асари илми бадеи мумтоз. Илми сегонаи саноеи бадеӣ, арӯз ва қофияро дар бар гирифтани он. Хусусияти адабӣ-танқидии асар. «Ал мӯъҷам» манбаи муҳимми адабӣ (намунаҳои ашъори шоирони асрҳои X-XII дар асар).

**Мавзӯи 14. Вусъат ва ривоҷи илми сегонаи шеършиносӣ дар асрҳои XV-XVII. 2-соат**

Ҷузъи таркибии фаолияти илмии гуногунсоҳаи донишмандон ҳисоб



Scanned by TapScanner

шудани машғули бо илмҳои сегонаи адабӣ-саноеи бадеӣ аруз ва қофия дар давраҳои мазкур. Ба вуҷуд омадани рисолаҳои зиёд оид ба илмҳои мазкур аз тарафи донишмандони ҳаваскори шеър ва шоирон. “Маҷолис-ун-нафоис”-и Алишер Навоӣ ва аҳамияти он дар илми адабиётшиносӣ. Асарҳои дигари илмӣ назарӣ дар ин аҳд.

**Мавзӯи 15. Абдураҳмонир Ҷомӣ ва афкори илмӣ назарии ӯ дар таҳқиқи масъалаҳои назарии шеъру шоирӣ. 2-соат**

Мавқеи намоёни афкори адабӣ дар достону маснавиҳои «Ҳафт авранг»-и А. Ҷомӣ. Омӯзиши афкори адабӣ-эстетикии Ҷомӣ дар адабиётшиносии тоҷик. Ақидаи Ҷомӣ доир баҳои шеърӣ чун звари арӯзи сухан. Рисолаҳои илмии Ҷомӣ. “Нафоҳот-ун-унс” ва аҳамияти илмии ин асар. Боби ҳафтуми Баҳористон ва арзиши назарии он. Масъалаи иазкур ва шакли асари бадеӣ аз назари Ҷомӣ. Андешаҳои шори мутафаккир доир ба улвият ва ҷовидонии сухани бадеӣ. Танқиди шоирони ёвагӯӣ ва беҳунар аз тарафи Ҷомӣ.

**Мавзӯи 16. Ақидаҳои илмӣ-назарӣ дар аҳди маорифпарварӣ. 2-соат**

Аҳмади Дониш ва ақидаҳои илми назарии ӯ. Шамсиддин Шоҳин ва васфи ҳамасрони ӯ дар осораш. “Бадоеъ-ус-саноеъ” ва ақидаҳои назарӣ дар ин асар. Масъалаҳои шеъру шоирӣ дар тазкираи “Тӯҳфат-ул-аҳбоб”-и Возеҳ. Аҷзӣ ва муносибати ӯ ба шеъру шоирӣ. Абдурауф Фитрат ва масъалаҳои назарияи адабиёт.

**Мавзӯи 17. Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои таърихию назарии адабиёт. 2-соат**

“Намунаи адабиёти тоҷик” ҳамчун асари муҳими илмӣ. Тадқиқотҳои дигари Айнӣ дар бораи таърихи адабиёти форсу тоҷик. Айнӣ ва масъалаҳои шеъру шоирӣ. Айнӣ ва мактуботи ӯ. Айнӣ ва инкишофи насри бадеӣ. Айнӣ ва Рӯдакӣ. Айнӣ ва Навоӣ. Айнӣ ва Восифӣ. Айнӣ ва Бедил.

**Мавзӯи 18. Масоили муҳими илми адабиётшиносӣ дар ибтидои асри XX. 2-соат**

Оғози пайдоиш ва ташаккули адабиётшиносии давраи нав. Тамоюлоти шинохти моҳияти асари бадеӣ дар ин аҳд. Реализми сотсиолистӣ ва моҳияти он дар адабиёти бадеӣ. Масъалаи инкори суннат ва мерос ва оқибатҳои он дар ин аҳд.

**Мавзӯи 18. Масоили муҳими илми адабиётшиносӣ дар солҳои баъди ҷанги ҷаҳонӣ. 2-соат**

Хусусиятҳои муҳими адабиётшиносии ин давр. Оғози тамоюлоти ҷиддӣ дар адабиётшиносии тоҷик. Масъалаҳои асосии назму насри ин давр дар тадқиқоти олимони адабиётшинос. Мудохилаи шоирон ва носирон ба масъалаҳои илми адабиётшиносӣ. Мавқеи Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳамбиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода дар инкишофи тадриҷии илми адабиётшиносӣ.

**Мавзӯи 19. Абдулғанӣ Мирзоев ва фаъолияти адабиётшиносии ӯ. 2-соат**

Тадқиқоти муҳими А.Мирзоев дар ҷодаи илми адабиётшиносӣ. Таҳқиқ масъалаҳои таърихи адабиёт дар тадқиқотҳои А.Мирзоев. Рӯдакӣ ва тадқиқи



Scanned by TapScanner

ҳаёту фаъолияти вай дар тадқиқотҳои А.Мирзоев. Масъалаҳои робитаҳои адабӣ дар тадқи ин олим. “Монографияи “Биноӣ” вааҳамияти таърихиии он. Таҳқиқи масъалаҳои адабиёти асри 17 дар осори илмии А.Мирзоев.

**Мавзӯи 20. Шарифҷон Ҳусейнзода ва тадқиқоти илмии ӯ. 2-соат**

“Баҳс ва андеша” ва мақоми ин тадқиқотҳо дар илми адабиётшиносии тоҷик. “Гуфтор аз ганҷи сухан” ва масъалаҳои адабиётшиносӣ. Таҳқиқи масъалаҳои мухталифи давраҳои таърихии ташаккули адабиёти форсу тоҷик дар тадқиқоти Шарифҷон Ҳусейнзода.

**Мавзӯи 21. Холиқ Мирзозода -мунаққид ва адабиётшинос. 2-соат**

Таҳқиқи масъалаҳои “Таърихи адабиёт” дар осоСри илмии олим. Холиқ Мирзозода ва омӯзиши адабиёти аҳди маорифпарварӣ. Холиқ Мирзозода мунаққид.

**Мавзӯи 22. Расул Ҳодизода ва масъалаҳои адабиётшиносӣ. 2-соат**

Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар осори илмию адабии Расул Ҳодизода. Расул Ҳодизода ва масъалаҳои адабиёти тасавуфӣ. Китоби “Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри 19” ва аҳамияти илмию назарии он. Мавқеи Расул Ҳодизода дар таҳқиқи сарчашмаҳои иллмӣ-адабии давраҳои мухталиф.

**Мавзӯи 23. Муҳаммадҷон Шукуров ва аҳамияти вижагии навиштаҳои ӯ. 2-соат**

Тадқиқоти адабиёти давраи нав дар осори илмии М.Шукуров. Услуби таҳқиқи осори вакилони адабиёти давраҳои мухталиф аз назари муҳақиқ. М.Шукуров ва таҳқиқи осори Садри Зиё. М.Шукуров ва таҳқиқи аҳволу осори Садриддин Айнӣ. “Таҳқиқи паҳлӯҳои бадӣ” ҳамчун асари муҳими илмӣ-назарӣ. М.Шукуров ва инкишофи илми нақди адабӣ.

**Мавзӯи 24. Илми адабиётшиносии тоҷик дар охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI. 4-соат**

Фаъолияти илмӣ ва тадқиқотии адабиётшиносии Раҷаб Амонов, Соҳиб Табаров ва Садри Саъдиев дар аҳди нав. Фаъолияти адабиётшиносии Раҷаб Амонов. Адабиёти бачагон ва тадқиқи ин масъалаҳо. Фолклори тоҷик дар тадқиқи Раҷаб Амонов. Соҳиб Табаров ва асосҳои назарии танқиди адабӣ. Тадқиқоти муҳими Соҳиб Табаров бобати Мунзим, ва Фитрат. Садрӣ Саъдиев ва фаъолияти адабиётшиносии ӯ. Муҳити адабии Самарқанд ва мероси адабии Сайидо дар тадқиқоти Садрӣ Саъдиев. Фаъолияти илмии Субҳон Амирқулов, Худой Шарифов, Ҷонон Бобокалонова ва дигарон дар адабиётшиносии тоҷик.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ ва семинарӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Ақидаҳои шеършиносии Ибни Сино ва Ал-Форобӣ.
2. Назарияи шеърии Низоми Арӯзии Самарқандӣ
3. «Тарҷумон ул-балоға»-и Родиёнӣ аввалин асари назарии форсӣ ва мазмуну моҳияти он
4. Сохтори тазкираи «Лубоб ул-албоб»-и Авфӣ ва шабоҳати он бо



Scanned by TapScanner

ҳаёту фаъолияти вай дар тадқиқотҳои А.Мирзоев. Масъалаҳои робитаҳои адабӣ дар тадқи ин олим. “Монографияи “Биноӣ” вааҳамияти таърихиии он. Таҳқиқи масъалаҳои адабиёти асри 17 дар осори илмии А.Мирзоев.

**Мавзӯи 20. Шарифҷон Ҳусейнзода ва тадқиқоти илмии ӯ. 2-соат**

“Баҳс ва андеша” ва мақоми ин тадқиқотҳо дар илми адабиётшиносии тоҷик. “Гуфтор аз ганҷи сухан” ва масъалаҳои адабиётшиносӣ. Таҳқиқи масъалаҳои мухталифи давраҳои таърихии ташаккули адабиёти форсу тоҷик дар тадқиқоти Шарифҷон Ҳусейнзода.

**Мавзӯи 21. Холиқ Мирзозода -мунаққид ва адабиётшинос. 2-соат**

Таҳқиқи масъалаҳои “Таърихи адабиёт” дар осоcри илмии олим. Холиқ Мирзозода ва омӯзиши адабиёти аҳди маорифпарварӣ. Холиқ Мирзозода мунаққид.

**Мавзӯи 22. Расул Ҳодизода ва масъалаҳои адабиётшиносӣ. 2-соат**

Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар осори илмию адабии Расул Ҳодизода. Расул Ҳодизода ва масъалаҳои адабиёти тасавуфӣ. Китоби “Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри 19” ва аҳамияти илмию назарии он. Мавқеи Расул Ҳодизода дар таҳқиқи сарчашмаҳои иллмӣ-адабии давраҳои мухталиф.

**Мавзӯи 23. Муҳаммадҷон Шукуров ва аҳамияти вижагии навиштаҳои ӯ. 2-соат**

Тадқиқоти адабиёти давраи нав дар осори илмии М.Шукуров. Услуби таҳқиқи осори вакилони адабиёти давраҳои мухталиф аз назари муҳақиқ. М.Шукуров ва таҳқиқи осори Садри Зиё. М.Шукуров ва таҳқиқи аҳволу осори Садриддин Айнӣ. “Таҳқиқи паҳлӯҳои бадӣ” ҳамчун асари муҳими илмӣ-назарӣ. М.Шукуров ва инкишофи илми нақди адабӣ.

**Мавзӯи 24. Илми адабиётшиносии тоҷик дар охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI. 4-соат**

Фаъолияти илмӣ ва тадқиқотии адабиётшиносии Раҷаб Амонов, Соҳиб Табаров ва Садри Саъдиев дар аҳди нав. Фаъолияти адабиётшиносии Раҷаб Амонов. Адабиёти бачагон ва тадқиқи ин масъалаҳо. Фолклори тоҷик дар тадқиқи Раҷаб Амонов. Соҳиб Табаров ва асосҳои назарии танқиди адабӣ. Тадқиқоти муҳими Соҳиб Табаров бобати Мунзим, ва Фитрат. Садрӣ Саъдиев ва фаъолияти адабиётшиносии ӯ. Муҳити адабии Самарқанд ва мероси адабии Сайидо дар тадқиқоти Садрӣ Саъдиев. Фаъолияти илмии Субҳон Амирқулов, Худой Шарифов, Ҷонон Бобокалонова ва дигарон дар адабиётшиносии тоҷик.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ ва семинарӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Ақидаҳои шеършиносии Ибни Сино ва Ал-Форобӣ.
2. Назарияи шеърии Низоми Арӯзии Самарқандӣ
3. «Тарҷумон ул-балоға»-и Родиёнӣ аввалин асари назарии форсӣ ва мазмуну моҳияти он
4. Сохтори тазкираи «Лубоб ул-албоб»-и Авфӣ ва шабоҳати он бо



Scanned by TapScanner

таърихи адабиёт.

5. Андешаҳои шеършиносӣ ва адабӣ-танқидии тазкираи Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ
6. Санъатҳои сухан аз назари муаллифи рисолаи «Ҳадоиқ ус-сеҳр»
7. «Ал мўъҷам»-и Қайси Розӣ
8. «Бадоеъ ус-саноеъ»-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ
9. Манбаъҳои адабии асрҳои XVI-XVII
10. Равияҳои адабии эстетикӣ ва хоси назарии адабӣ дар даврони Юнони қадим.
11. Фанни шеър ва андешаҳои Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд.
12. Назариёти шеършиносии Хоҷа Насриддини Тӯсӣ.
13. Аҳамияти ин тазкира «Тазкират уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ (ибтидои асри XVII), хусусиятҳо ва сохтори он. дар омӯзиши адабиёти нимаи дуюми асри XVI тоҷик.
14. Ақидаҳои нақдушшеърии Малеҳои Самарқандӣ дар тазкираи «Музокир-ул- асҳоб» .
15. Тазкираҳои охирҳои асри XIX ва аввали асрни XX.
16. Мавқеи асарҳои илмии Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик
17. **17.**Фаъолияти адабиётшиносии Абдулғанӣ Мирзоев ва Муҳаммадҷон Шукуров
18. Афкори адабию илмии Ҷомӣ дар «Баҳористон».
19. Афкори адабии Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик».
20. Шамс Қайси Розӣ дар бораи ашъори Рӯдакӣ.
21. Афкори адабии Ҳофиз Шерозӣ.
22. Алишер Навоӣ дар бораи масъалаҳои эҷоди бадеӣ.
23. Мукотибаҳои Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ.
24. Арзиши ашъори Рӯдакӣ аз назари муосиронаш.
25. Фикрҳои назарии Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар илми адабиётшиносӣ.
26. Афкори адабии Сайидо, Зебуннисо ва Бедил.
27. Шоҳин дар бораи осори Аҳмади Дониш.
28. Муносибати назариётчиёни асримиёнагӣ дар бораи шеъри матбӯъ ва шеъри маснӯъ.
29. Фанни шеър ва андешаҳои Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд ва Насриддини Тӯсӣ.

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

## IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Алоқамандии фанни адабиётшиносӣ бо таърихи адабиёти тоҷик.
2. Таърихи адабиётшиносӣ ва нақдушшеъри мумтоз.



Scanned by TapScanner

3. Таърихи адабиётшиносии мумтоз ва тазкиранигорӣ.
4. Шаклҳои ифодаи афкори адабиётшиносии мумтоз.
5. Муносибати шоири мутасаввиф бо шеър ва шоирони дарбор (Асрҳои IX-XII).
6. Ривоҷи сухансанҷӣ ва нақдушшеър дар асри XVII.
7. Унсурҳои нақдушшеър дар тазкираҳо (Тазкираҳои Мутрибӣ ва Малеҳо).
8. Даврабандии таърихи адабиёт дар тазкира.
9. Масъалаи шеър ва мусиқӣ дар шеършиносии мумтоз.
10. Даврабандии таърихи адабиётшиносии мумтоз.
11. Илми бадеи мумтоз чун поэтикаи нормативӣ.
12. Фаҳмиши фалсафии шеър.
13. Андешаҳои шеършиносии Мутрибии Самарқандӣ, муаллифи «Тазкират уш-шуаро».
14. Масъалаи шеъри матбӯъ ва шеъри маснӯъ дар шеършиносии асрҳои XVI-XVI.
15. Назари шоирон ва шеършиносони гузашта ба эҷодиёти Рӯдакӣ.
16. Рисолаҳои қофия ва мавқеи онҳо дар шеършиносии гузашта.
17. Сохтори тазкираи «Лубоб ул-албоб»-и Авфӣ ва шабоҳати он бо таърихи адабиёт.
18. Услуби жанрӣ ва ривоҷи нақди шеър дар асри XVII.
19. Масъалаи сабки нави шеърӣ дар шеършиносии асрҳои XVI-XVII.
20. Масъалаи шеъри нав («шеъри миллӣ») ва шеъри суннатӣ дар адабиётшиносии ҷадидон аввали асри XX.
21. Таҳлили мулоҳизаҳои Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар бораи шеъру шоирӣ.
22. Афкори адабии Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома»
23. Шамс Қайси Розӣ ва афкори адабию назарии ӯ.
24. Мавқеи тазкираҳо дар ташаккули илми адабиётшиносӣ.

Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад.

3 **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**

Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:

- дар заминаи баррасии осори адабӣ-илмӣ ва назарӣ дар заминаи таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти донишҷӯён, ташаккули шахсияти вай дар ҷодаи некахлоқи фасеҳбаёниву соҳибсалиқавӣ; дар бораи адабиёти мумтози тоҷик ва усулҳои омӯзиши он тасаввур ҳосил намудан; оиди қонуниятҳои пайдоишу инкишоф ва хусусиятҳои давраҳои ҷудогонаи тараққиёти таърихи адабиёти мумтози тоҷик соҳиби дониши кофӣ гардидан; ҷараёнҳои асосии инкишофи адабиётшиносии мумтози тоҷикро *донистантанаш лозим аст;*
- дар бораи равобиту пайвандҳои адабии халқи тоҷик бо халқҳои дигар дар ҷараёни таълими адабиётшиносии мумтозҳу имрӯз аз онҳо истифода намудан; бо тадқиқоти илмии дар бораи адабиётшиносии мумтози тоҷик анҷом ёфта комилан ошноӣ доштан ва дар фаъолияти касбӣ аз онҳо самаранок истифода намудан; дар бораи тадқиқи қиёсии осори адабӣ *малака*



Scanned by TapScanner

| | |
|---|---|
| | *ҳосил намуданаш лозим аст;*<br>- дар бораи ҳаёт ва фаъолияти симоҳои намоёни адабиёти мумтози тоҷик маълумоти кофӣ ҳосил намуда ва аз онҳо баҳра бардошта тавонистанаш *ба таҷрибаҳо соҳиб шуданаш лозим аст.* |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• машғулоти амалӣ;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• ассисментҳо;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Бобокалонова Ҷ. Назаре ба таърихи таниди адабии тоҷик.- Душанбе: Маориф, 2003.<br>2. Маъруфи Раҷабӣ. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. – Душанбе: Адиб, 1997.<br>3. Ҳамроев Ҷ. Таърихи танқиди адабӣ. Душанбе: «Ирфон» 2006.<br>**Адабиёти иловагӣ**<br>4. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.<br>5. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б.<br>6. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.<br>7. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида” ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда<br>8. Ҳамроев Ҷ. Накди шеър. (Солҳои 60-80 уми асри XX). Тошкент:- «Фан», 2006.<br>9. Табаров.С.Ш. Дастури таълимӣ доир ба назарияи танқиди адабӣ. қ 1-2 Душанбе 1980-1883.<br>10. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Накди адабӣ. Ҷилди аввал ва дуввум. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373.-921 с. |



Scanned by TapScanner

11.Сируси Шамисо. Накди адабӣ. –Теҳрон: 1383.
12.Ҳамроев Ч. Накди Юнони қадим ва фанни шеър дар адабиёти форсӣ (дастури таълимӣ). – Самарқанд, 2001.
13.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ.1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи тоҷик, 1988. – 545с.
14.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ.2. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи тоҷик, 1989. – 560с.
15.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ч. 3. – Душанбе: С.И.Э.М.Т,2003
16.Баранов В.И. Бочаров А.Г. Суровцев Ю.И. Литературно- художественная критика. Учебное пособие для судентов вузов. – Москва: Высшая школа. 1982.
17.Сатторов А. Аз таърихи афкори адабӣ ва эстетики форсу тоҷик (асрҳои X-X11). – Душанбе: 1972. 168 с.
18.Лукянов. Г. Методилогические проблемы художественной критики. Москва 1980.
19.Шукуров М. Паҳлӯҳои танқиди адабӣ. Душанбе: «Ирфон» 1976.
20.История русской литературной критики. Под редакцией. В.В.Прозоров. Москва: «Высшая школа» 2002. ст.7-20.
21.Айнӣ Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. – Москва, 1926,
22.Амон Рачаб. Танқид ва чараёни адабиёт. – Садои Шарқ, 1972, №2.
23.Асозода Худойназар. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. – Душанбе: Маориф, 1991.
24.Баранов В.И. (ва муаллифон). Литературно художественная критика. – Москва, Висщая школа, 1982.
25.Бараҳонӣ Ризо. Тилло дар мис. – Теҳрон.
26.Бахтин Н.Н. Литературно критические статьи. – Москва: Худож. лит, 1986.
27.Бақозод Ҷӯрахон. Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987.
28.Бақозода Ҷӯрахон. Қиёми шеър. – А.С, 1992, 2 апрел.
29.Белинский В.Г. Чанд мақола. – Сталинобод, 1961.
30.Валихӯҷаев Б., Холматов Ш. Ўзбек совет адабий танқид таърихи. Лексия текстлари. 1-2 қ. – Самарқанд, 1983-1984.
31.Зарринкӯб. Танқиди адабӣ. – Теҳрон.
32.Зарринкӯб. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб. – Теҳрон, 1535.
33.Кадканӣ. Дуктур Муҳаммадризо Шафеӣ. – Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. – Теҳрон, 1550.
34.Мирзозода Х. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт. – Душанбе: Ирфон, 1973.
35.Ҳодизода Р. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти нави тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1974; Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988.



Scanned by TapScanner

| | |
|---|---|
| | 36.Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша. – Душанбе: Ирфон, 1964; Гуфтор аз ганчи сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985.<br>37.Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф, 1991. 160 с.<br>38.Шарифов Х. Услуб ва камолоти сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985.<br>39.Ҷомӣ А. Баҳористон.-Душанбе: Адиб, 1997. (Боби ҳафтум. саҳ.102-125.)<br>40.Шамс. Қайси Розӣ. Ал мўъҷам. -Душанбе: Адиб,1991.<br>41.Авфии Бухорой. Лубоб-ул-албоб. – Лондон: 1906.<br>42.Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. – Душанбе: Маориф, 1974. 221 с. (Бо сарсухан ва тавзеҳу таҳрири Р.Мусулмонқулов)<br>43.Кайковус Унсурулмаолӣ. Қобуснома.- Душанбе: Маориф, 1979. 192 с.<br>44.Муҳаммад ибн Умар Родуёнӣ. Тарҷумон ул балоға. – рашидуддини Ватвот. Ҳадоиқ - ус – сеҳр. / таҳияи матн ва тавзеҳоти Х.Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1987.<br>45.Низомӣ Арўзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. /Муаллифи сарсухан ва таҳиякунандаи матн. Х. Шарифов ва У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1986.<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>46.www.ZiyoNet.uz<br>47.http://www.skachatreferat.ru/<br>48.tg.wikipedia.org›Абдурахмон Ҷомӣ<br>49.http://yandex.ru/Адабиёти+тоҷик&clid<br>50.http://dic.academic.ru/<br>51.http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм... |
| 7 | Дастури фан “___” ____________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами №___ дар шўрои таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул карда шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:** С.Хўҷақулов – номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДДС |
| 9 | **Муқарризон:** Ҷ.Ҳамроев - доктори фанҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷӣ ДДС (дохила)<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС (беруна) |



Scanned by TapScanner